УДК-331
ББК-65.9(5т)24
Н 44

# НИЗОМИ ИДОРАКУНИИ ИҚТИДОРИ МЕҲНАТИИ МИНТАҚА

***Негматов Шукруллохон Лутфуллоевич*** *- унвонҷӯи кафедраи идоракунии иқтисодиёт ва маркетинг МДТ ДДХ ба номи акад. Б.Ғафуров;*
***Исмоилов Мамараҳим*** *- доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор МДТ ДДХ ба номи акад. Б.Ғафуров, Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, куч. Мавлонбеков 1, e-mail: mamarahim@mail.ru.*

# СИСТЕМА УПРАВЛЕНИЯ РЕГИОНАЛЬНОЙ РАБОЧЕЙ СИЛУ

***Негматов Шукруллохон Лутфуллоевич*** *- соискатель кафедры управления экономикой и маркетинга ГОУ ХГУ им. акад. Б.Гафурова;*
***Исмоилов Мамарахим*** *- доктор экономических наук, профессор ГОУ Худжандский государственный университет имени академика Бобоҷон Ғафуров, адрес: 735700, Республика Таджиткистан, ул. Мавлонбекова 1, e-mail: mamarahim@mail.ru.*

# SYSTEM OF MANAGEMENT WITH REGIONAL LABOUR CAPACITY

***Negmatov Shukrullokhon Lutfulloevich*** *- Applicant the Department of Economic Management and Marketing under the SEI KhSU named after acad. B.Gafurov;*
***Ismoilov Mamarakhim*** *- Dr. of Economy, Professor of the SEI KhSU named after acad. B.Gafurov address: 735700, Republic of Tajikistan, the outside Mavlonbekova 1., e-mail: mamarahim@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ:*** *низоми идоракунӣ, иқтидори меҳнатӣ, низом, институтҳо, сохти шумораи аҳолӣ, машғули аҳолӣ ва бекорон*

*Низоми идоракунии иқтидори меҳнатии минтақа ташаккул, тақсимот ва истифодаи аҳолии қобили меҳнатро танзим мекунад.Ба объекти низоми идоракунии иқтидори меҳнатии минтақа тааллуқ доранд: ташаккули иқтидори меҳнатӣ; тақсимоти иқтидори меҳнатӣ; истифодаи иқтидори меҳнатӣ дохил мешавад. Субъектҳои идоракунии иқтидори меҳнатӣ, инҳоянд: давлат, ташкилотҳои сиёсӣ; иттифоқҳои касаба ва дигар ташкилотҳои ҷамъиятӣ; дастаҷамъии (коллективҳо)-и меҳнатӣ мебошад. Низоми идоракунии иқтидори меҳнатӣ, ин ҳаракати аҳолии қобили меҳнатии минтақа дар бозори меҳнати минтақа мебошад: сатҳи истеҳсолию соҳавӣ (соҳа, корхона, сех, бригада); - сатҳи ҳудудӣ (ҷумҳурӣ, вилоят, ноҳия), аз рӯи салоҳиятнокии онҳо таъмин менамояд.*

***Ключевые слова:*** *система управления, рабочая сила, система, институты, структура населения, занятость и безработица населения.*

*Система управления региональной рабочей силой регулирует формирование, распределение и использование рабочей силы населения. К объектам системы управления региональной рабочей силой относятся: формирование рабочей силы; распределение рабочей силы; использование рабочей силы. Субъектами управления рабочей силой считаются: государство, политические организации; профсоюзы и другие общественные организации и трудовые коллективы. Система управления рабочей силой представляет собой движение рабочей силы населения на*

*региональном рынке труда: производственно-промышленный уровень (производство, цех, фабрика, бригада); территориальный уровень (республика, область, район) обеспечивается в соответствии со своей компетенцией в целом.*

***Key words:*** *management system, labor capacity, system, institutions, structure of population, employment and unemployment of population.*

*The system of management with regional labour capacity regulates the formation, distribution and usage of population`s labour force. The object aimed at the system of management with regional labour capacity include: labour capacity formation; labour capacity distribution; usage of labour capacity. The subjects of management with labour capacity are considered to be: state, political organizations; trade unions and other public organizations and labour collectives. The system of management with labour capacity is population`s labour force movement of the regional labour market: productional and industrial level (industry, workshop, fabrics, team); territorial level (republic, region, district) provides according to their competence, upon the whole.*

Низоми идоракунии иқтидори меҳнатии минтақа ташаккул, тақсимот ва истифодаи аҳолии қобили меҳнатро танзим менамояд.

Ба объекти низоми идоракунии иқтидори меҳнатии минтақа тааллуқ доранд:

- ташаккули иқтидори меҳнатӣ;
- тақсимоти иқтидори меҳнатӣ;
- истифодаи иқтидори меҳнатӣ.

Субъектҳои идоракунии иқтидори меҳнатӣ, инҳоянд:

- давлат;
- ташкилотҳои сиёсӣ;
- иттифоқҳои касаба ва дигар ташкилотҳои ҷамъиятӣ;
- дастаҷамъии (коллективҳо)-и меҳнатӣ.

Аз ин лиҳоз, низоми идоракунии иқтидори меҳнатӣ, ин ҳаракати аҳолии қобили меҳнатии минтақа дар бозори меҳнати минтақа мебошад:

- сатҳи истеҳсолию соҳавӣ (соҳа, корхона, сех, бригада);
- сатҳи ҳудудӣ (ҷумҳурӣ, вилоят, ноҳия), аз рӯи салоҳиятнокии онҳо.

Низоми идоракунии иқтидори меҳнатии минтақа фаъолияти худро ба таври зерин амалӣ менамоянд:

- Вазорати тандурустӣ ва рушди иҷтимоӣ дар вилояти Суғд;
- Вазорати меҳнат ва шуғли аҳолӣ;
- Марказҳои шуғли аҳолии вилояти Суғд;
- Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд;
- Вазорати маориф ва илм дар вилояти Суғд;
- Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд ва ғайра.

Инчунин, низоми идоракунии иқтидори меҳнатии минтақа дар асоси қонунҳо ва барномаҳои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ мешаванд, аз ҷумла:

1. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030-юм. - Душанбе. - 2016. – 88 с.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ” аз 1-уми августи соли 2003-юм, № 44.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таҳсилоти ибтидоӣ ва касбӣ”.

Ҳамзамон, низоми идоракунии иқтидори меҳнатии минтақа дар зер татбиқ мешавад:

- мутобиқи низоми ҷумҳуриявии мавҷудаи идоракунии иқтидори меҳнатӣ;
- бо назардошти пешгӯии шумораи машғули аҳолӣ дар иқтисодиёт, - пешгӯии демографӣ;
- истифодаи таҳлили коррелятсионӣ-регрессионӣ.

Бинобар ин, низоми идоракунии иқтидори меҳнатии минтақа зернизоми мураккаби динамикии низоми умумии идоракунии иқтисодиёти минтақа ва умуман кишвар мебошад, ки дар зер нишон дода шудааст.




Расми 1. Низоми идоракунии иқтидори меҳнатии минтақа дар низоми умумии идоракунии иқтисодиёти минтақа

Масъалаҳои ташаккул, истифодабарӣ ва идоракунии иқтидори меҳнатӣ дар доираи сиёсати давлатии демографӣ ва маориф бо чунин роҳ арзёбӣ гардидааст:

- таҳия ва татбиқи низоми тадбирҳое, ки ба танзими сатҳи таваллуд, фавт, муҳоҷират равона шудааст;
- ҳаҷми қабул ва хатми муассисаҳои таълимӣ;
- инкишоф додани низоми такмили ихтисос ва ғайра.

Низоми идоракунии иқтидори меҳнатии минтақаи вилояти Суғд дар фаъолияти худ ҳалли вазифаҳои афзалиятноки зеринро пешбинӣ менамояд:

- таъмини хусусияти инноватсионии таҳсилоти асосӣ;
- азнавсозии муассисаҳои низоми таълимӣ ҳамчун воситаи рушди иҷтимоӣ;
- ташкили низоми муосири таълими муттасил, омодасозӣ ва бозомӯзии кадрҳои касбӣ;
- дар якҷоягӣ бо истеъмолкунандагон ташаккул додани механизмҳои арзёбии сифат ва талабот ба хизматрасониҳои таълимӣ, иштирок дар таҳқиқоти муқоисавии байналмилалӣ.

Самтҳои афзалиятноки низоми идоракунии иқтидори меҳнатии минтақа, соҳа мутобиқ гардонидани мундариҷа ва сохтори омодасозии касбии кадрҳо ба талаботи муосири бозори меҳнат ва баланд бардоштани дастрасии хизматрасониҳои босифати таълимӣ мебошад.

Дар вилояти Суғд бошад, идоракунии раванди ташаккули иқтидори меҳнатӣ дар навбати аввал, амалӣ карда мешавад:

- Идораи маориф;
- Идораи меҳнат ва рушди иҷтимоӣ.

Бояд гуфт, ки аз тарафи низоми минтақавӣ танзими аҳолии қобили меҳнат дар марҳилаҳои ташаккулёбӣ, тақсимот ва истифодабарии иқтидори меҳнатии он сурат мегирад.

Идоракунии бевоситаи раванди истифодаи иқтидори меҳнатӣ дар вилояти Суғд аз ҷониби 18 маркази шуғли аҳолӣ дар 18 воҳидҳои маъмурию ҳудудии минтақа сурат мегирад. Мақсади фаъолияти марказҳои шуғли аҳолии вилояти Суғд, дар доираи салоҳияти худ татбиқи сиёсати ягонаи давлатии таъмини шуғли аҳолӣ дар ҳудуди вилоят, аз ҷумла амалӣ намудани ваколатҳо дар соҳаи шуғли аҳолӣ мебошад.

Қайд кардан лозим аст, ки низоми идоракунии минтақавии иқтидори меҳнатӣ бо идоракунии сифати иқтидори меҳнатӣ низ машғул аст. Ба андешаи мо, идоракунии сифати иқтидори меҳнатӣ инҳоро дар бар мегирад:
- ғамхорӣ ба саломатии аҳолӣ (ҷисмонӣ ва рӯҳӣ);
- инкишофи нерӯи зеҳнӣ (иқтидори маърифатӣ ва қобилиятҳои эҷодкорӣ);
- малакаҳои муошират, сатҳи фарҳангӣ ва ахлоқӣ;
- фаъолияти иҷтимоии аҳолӣ.

Пас, ҳамин тавр, бо назардошти ҷанбаҳои демографӣ ва иқтисодии ташаккули иқтидори меҳнатӣ ва зиёдатии меҳнат дар бозори меҳнати вилояти Суғд қайд мекунем, ки ҷанбаи иҷтимоӣ аҳамияти калон пайдо мекунад.

Аз ин рӯ, идоракунии фаъолияти иҷтимоии аҳолӣ, асосан дар доираи сиёсати давлатии ҷавонон оид ба самтҳои афзалиятноки зерин амалӣ карда мешавад:
- ба амалияи ҷамъиятӣ ҷалб намудани ҷавонон;
- ташаккули низоми дастгирии ҷавонони ташаббускор ва болаёқат;
- таъмини иҷтимоиёти самарабахши ҷавонон, ки дар вазъияти душвори зиндагӣ қарор доранд.

Барои муккамалгардонишон низоми идоракунии иқтидори меҳнатии минтақа вилояти Суғд, дар асоси амсилаи Некрасов, ки асосҳои таъсиси корхонаҳоро муайян мекунад ва тибқи Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020, инчунин дар асоси динамикаи хатми донишҷӯён ва дар асоси нишондодҳои омории дар боло овардашуда, пешгӯии эҳтиёҷоти иқтисодиёти минтақаро ба мутахассисон тартиб додаем.

Аз амсилаи пешниҳодкардаи Н.Н.Некрасов истифода намуда, эҳтиёҷоти минтақаи алоҳидаро ва низоми идоракунии минтақавии иқтидори меҳнатии вилояти Суғд ба корхонаҳои нав муайян мекунем. Барои ин корхонаҳои навтаъсис, дар ин маврид, талабот ба мутахассисони дорои маълумоти олӣ ва миёна муайян карда мешавад:

$$\sum_{m=1}^{m}\sum_{k=1}^{k} Y_m^k + \sum_{m=1}^{m}\sum_{k=1}^{k} \Delta A_{mn} X_{mn} \to min \qquad [5]$$

Мутаносибат

$$\sum_{m=1}^{m} A_{mn}X_{mn} > B_n \qquad (n = 1,2,3, \dots n)$$

$$\sum_{n=1}^{n} A_{mn} B_m^k X_{mn} \le K_m^k \le Q_m^k$$

$$X_n = 0 \text{ ё ин ки } 1$$

ки дар ин ҷо: $\boldsymbol{Y_m^{k-}}\left(\boldsymbol{R_m^k}\right)$ - хароҷот ба захираҳои навъи **К** дар минтақаи **m**, вобаста аз ҳаҷми истеъмоли он;

$\Delta\boldsymbol{A_{mn}X_{mn}} -$ вектори ҳаҷми ниҳоии имконпазири маҳсулот дар минтақаи **m** мебошад, ки ба тағйирёбандаи ҳисобшуда зарб карда мешавад, ки ба мақсаднок будани ҷойгиркунии истеҳсолоти саноат дар минтақаи **m** нишон дода мешавад;

$\boldsymbol{B_n} -$ вектори эҳтиёҷот ба маҳсулоти корхона, дар маҷмӯъ дар мамлакат;

$\boldsymbol{Q_m^k} -$ маҳдудияти андозаи истифодаи захираи **k** дар минтақаи **m**;

$k_m^k$ – андозаи маҷҳули истеъмоли захираи навъи **k** дар минтақаи **m**.

Низоми идоракунии иқтидори меҳнатии минтақаи вилояти Суғд ба хатми мутахассисон аз ҷониби низоми маорифи минтақа бояд дар асоси алтернативӣ бо назардошти истифодаи “самараи беруна” гузаронида шавад, яъне омодасозии мутахассисон аз ҷониби дигар муассисаҳои таълимӣ. Барои ин, $X_m$ ҳамчун омили оптимизатсияи сарбории саноатӣ дар минтақаи **m** истифода мешавад.

Ба андешаи мо, дар ин асос, барои самаранокии низоми идоракунии минтақавии иқтидори меҳнатии вилояти Суғд зарурияти миқдори мутахассисони дорои маълумоти олӣ ва миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешгӯӣ кардан мумкин аст.

Тибқи амсилаи Н.Н. Некрасов барои самаранокии низоми идоракунии минтақавии иқтидори меҳнатии вилояти Суғд муайян кардани талаботи маҷмааи саноатӣ ба мутахассисони дорои маълумоти олӣ ва баъдидонишгоҳӣ стратегияи рушд ва тақсимоти қувваҳои истеҳсолкунанда, яъне ҷойгиронии корхонаҳои саноатӣ дар ҳудуди минтақаи мушаххас мебошад.

Низоми идоракунии иқтидори меҳнатии минтақаи вилояти Суғд сохтори махсус, касбӣ ва тахассусии мутахассисони дорои маълумоти олӣ ва миёнаи махсусро барои давраи мушаххаси давраи пешбинишаванда дар заминаи солҳо бо назардошти таъхири тайёрии онҳо (барои мутахассисони дорои маълумоти олии касбӣ - 22 сол) ҳисоб карда мешавад.

- **Варианти ҷойгиркунонии корхонаҳои саноати ҳудудӣ бо нишондоди иқтидори истеҳсолии онҳо**
- **Таснифоти зерсоҳавии саноат**
- **Гурӯҳбандии корхонаҳои саноатии ба ҳам монанд**
- **Ошкорнамоии тахассуси касбӣ ва сохтори мутахассисон аз рӯи соҳаҳои монанд**
- **Ҳисоби тахассуси касбӣ ва ихтисоси мутахассисони дорои маълумоти олӣ ва баъдидонишгоҳӣ дар маҷмааи саноатӣ (маълумотҳои ҷамъбастӣ)**
- **Вариантҳои эҳтиёҷоти умумии маҷмааи саноатӣ оид ба мутахассисони дорои маълумоти олӣ ва баъдидонишгоҳӣ дар тақсимоти ихтисос**

Расми 1. Лоиҳаи ҷойгиркунии бисёрсоҳаи корхонаҳои саноатӣ (КС) ва низоми идоракунии иқтидори меҳнатии минтақаи вилояти Суғд

Арзёбии ба даст омадаи низоми идоракунии минтақавии иқтидори меҳнатии вилояти Суғд ва теъдоди умумии донишҷӯён ба мо имкон медиҳанд, ки арзиши хоси мутахассисони дорои сохтори тахассусии мушаххасро дар зинаҳои таҳсилот - миёнаи махсус ва олӣ ҳисоб кунем. Бо истифода аз пешгӯиҳои шумораи донишҷӯёни категорияи синну сол (ҳазор нафар) мо теъдоди донишҷӯёни мактабҳои миёнаи махсус ва олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба даст меорем. Бо истифода аз пешгӯиҳо, ки дар гузориши Бонки умумиҷаҳонӣ №89182- ҶТ (августи соли 2013-

ум, саҳ.29) оварда шудаанд, пас аз коркарди мувофиқ натиҷаҳои зеринро ба даст меорем. Ин ба самаранокии низоми идоракунии минтақавии иқтидори меҳнатии вилояти Суғд таъсир менамояд.

Азбаски, низоми идоракунии минтақавии иқтидори меҳнатии вилояти Суғд ба мутаххасисони маълум ниёзманд мебошад, тибқи маълумоти манбаи зикршуда, пас аз афзоиши шумораи хонандагони синфҳои болоӣ, аз соли 2018-ум шумораи онҳо тадриҷан коҳиш ёфта, то соли 2019-ум ба сатҳи соли 2009-ум бармегардад, баъд аз рӯи ҳар се сенария - баланд, миёна ва паст – шумораи онҳо ба афзоиш оғоз хоҳад кард.

Аз ин лиҳоз, дар низоми идоракунии минтақавии иқтидори меҳнатии вилояти Суғд тахмин кардан мумкин аст, ки таносуби довталабон ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олӣ то соли 2025 бетағйир боқӣ мемонад. Ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи махсуси Ҷумҳурии Тоҷикистон, чун қоида, пас аз хатми синфи 9-ум дохил мешаванд, ки теъдоди хонандагони онҳо, тибқи ин пешгӯиҳо, то соли 2025-ум ба 200 ҳазор нафар мерасад ва аз рӯи варианти асосӣ - 192 ҳазор нафар талабаро ташкил медиҳад.

Дар ин асос, пешгӯии зарурати шумораи мутахассисони дорои маълумоти олӣ ва миёна дар низоми идоракунии минтақавии иқтидори меҳнатии вилояти Суғд тартиб дода шуд (ҷадвали 2.).

Ҷадвали 2.

Пешгӯии талабот ба мутахассисони дорои маълумоти миёна
(иқтидори меҳнатии вилояти Суғд) (ҳазор нафар)

| Номгӯи ихтисос | Эҳтиёҷот ба мутахассисон мувофиқи сол | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Асосӣ 2017-ум | 2020-ум | 2021-ум | 2022-ум | 2023-ум | 2024-ум | 2025-ум |
| Табиию илмӣ | 4,67 | 5,72 | 5,78 | 5,91 | 5,94 | 6,01 | 6.01 |
| Гуманитарию иҷтимоӣ | 1,762 | 2,04 | 3,01 | 3,02 | 7,06 | 3,08 | 3,11 |
| Маориф | 11,816 | 12,4 | 13,7 | 15,4 | 15,7 | 15,9 | 16,7 |
| Тандурустӣ | 18,9 | 21,4 | 22,0 | 22,7 | 23,9 | 24,6 | 27,9 |
| Фарҳанг | 0,87 | 0,87 | 0,9 | 0,91 | 0,93 | 1,2 | 1,2 |
| Иқтисодиёт ва идоракунӣ | 0,31 | 0,31 | 0,33 | 0,34 | 0,36 | 0,36 | 0,36 |
| Истихроҷи канданиҳои фоиданок | 0,2 | 0,21 | 0,21 | 0,23 | 0,23 | 0,31 | 0,31 |
| Энергетика | 0,28 | 0,28 | 0,28 | 0,33 | 0,33 | 0,36 | 0,36 |
| Металлургия | 0,27 | 0,27 | 0,27 | 0,31 | 0,31 | 0,32 | 0,32 |
| Технологияи мошин ва таҷҳизот | 0,41 | 0,42 | 0,41 | 0,42 | 0,43 | 0,43 | 0,43 |
| Мошинсозӣ | 0,61 | 0,62 | 0,62 | 0,62 | 0,64 | 0,64 | 0,64 |
| Техникаи электронӣ | 0,51 | 0,51 | 0,51 | 0,53 | 0.53 | 0,53 | 0,53 |
| Техникаи электронӣ, радиотехника | 0,08 | 0,08 | 0,09 | 0,09 | 0,09 | 0,1 | 0,1 |
| Техникаи иттилоотию ҳисоббарорӣ | 1,6 | 1,6 | 1,6 | 1,6 | 1,61 | 1,61 | 1,63 |
| Истифодаи нақлиёт | 0,29 | 0,29 | 0,29 | 0,29 | 0,31 | 0,31 | 0,31 |
| Технологияи маҳсулоти истеъмоли васеъ | 0,04 | 0,04 | 0,04 | 0,05 | 0,05 | 0,05 | 0,06 |
| Технологияи истеҳсоли озуқаворӣ | 0,25 | 0,26 | 0,26 | 0,26 | 0,26 | 0,27 | 0,28 |
| Сохтмон ва меъморӣ | 0,27 | 0,27 | 0,28 | 0,28 | 0,28 | 0,31 | 0,31 |
| Кишоварзӣ ва моҳигирӣ | 0,04 | 0,04 | 0,04 | 0,06 | 0,06 | 0,06 | 0,06 |
| Муҳити атроф ва амнияти фаъолияти ҳаётӣ | 0,12 | 0,12 | 0,12 | 0,12 | 0,12 | 0,12 | 0,12 |

Талабот ба мутахассисони дорои маълумоти олӣ дар иқтисодиёт дигаргуна ба назар мерасад. Дар ҷадвали 2. мавҷудияти пешбинишавандаи мутахассисон дар давраи то соли 2025-ум аз рӯи ихтисосҳое, ки тайёр кардани онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи махсус

гузаронида мешавад, оварда шуда, эҳтиёҷоти вилояти Суғд ба иқтидори меҳнатиро нишон медиҳад.

Ҳамин тариқ, низоми идоракунии минтақавии иқтидори меҳнатии вилояти Суғд зернизоми низоми идоракунии иқтисодиёт мебошад.

## ХУЛОСА

Низоми идоракунии иқтидори меҳнатии минтақа ташаккул, тақсимот ва истифодаи аҳолии қобили меҳнатро танзим мекунад.Ба объекти низоми идоракунии иқтидори меҳнатии минтақа тааллуқ доранд: ташаккули иқтидори меҳнатӣ; тақсимоти иқтидори меҳнатӣ; истифодаи иқтидори меҳнатӣ дохил мешавад.

Субъектҳои идоракунии иқтидори меҳнатӣ, инҳоянд: давлат, ташкилотҳои сиёсӣ; иттифоқҳои касаба ва дигар ташкилотҳои ҷамъиятӣ; дастаҷамъии (коллективҳо)-и меҳнатӣ мебошад. Низоми идоракунии иқтидори меҳнатӣ, ин ҳаракати аҳолии қобили меҳнатии минтақа дар бозори меҳнати минтақа мебошад: сатҳи истеҳсолию соҳавӣ (соҳа, корхона, сех, бригада); - сатҳи ҳудудӣ (ҷумҳурӣ, вилоят, ноҳия), аз рӯи салоҳиятнокии онҳо таъмин менамояд.

## АДАБИЁТ

1. От плана к рынку: Отчет о мировом развитии -1996// Всемирный банк,1996-С.92
2. Статистический ежегодник Согдийской области. Главное управление Агентства по статистике при Президенте Республики Таджикистан в Согдийской области. -2020.С-73.
3. http://www.vsemirnyjbank.org/ru/country/tajikistan/brief/listening2tajikistan
4. Исмаилов М.М. Динамика денежных доходов и расходов населения Согдийской области Республики Таджикистан за 2012-2013 гг / Вестник ЮФУ, серия экономические науки, Ростов на Дону, 2014.С.137-149.
5. Исмаилов М.М. Оплата и стимулирование труда в условиях переходной экономики республики Таджикистан\ The Ninth International Congresson Social Sciencesand Humanities 2nd December,2016 Vienna2016 С.119-125.
6. Исмаилов М.М., Худжамкулов Р.Б. Оплата и стимулирование труда на промышленных предприятиях Таджикистана в рыночных условиях хозяйствования // Издательство «Дабир» - Худжанд. - 2018. -С.5.
7. Экономическая история. История экономических учений. / Р.М.Гусейнов, В.А. Семенихина - М: - Л, 2006. - С. 268.
8. Яппаров, Д.А. Управление занятостью населения на региональном уровне: дис. на соискание уч. степени канд. экон. наук: 08.00.05: защищена 09.10.2007 / Д.А. Яппаров, 2007. - 169 с. - С. 43.

## REFERENCES

1. From the plan to the market: World development report -1996 // World Bank, 1996. - P.92.
2. Statistical annual of Sughd region. The main department of the agency on statistics underTajikistan Republic President in Sughd region. - 2020. – P.73.
3. http://www.vsemirnyjbank.org/ru/country/tajikistan/brief/listening2tajikistan
4. Ismailov M.M. Dynamics of monetary incomes and expenses of population of Sughd region of Tajikistan Republic for 2012-2013 / Bulletin of Southern Federal University. Series of economic sciences, Rostov-on-Don, 2014. - P.137-149.
5. Ismailov M.M. Payment and stimulation of labour under the conditions of transitional economy of Tajikistan Republic / The Ninth International Congresson Social Sciencesand Humanities on December 2nd, Vienna, 2016. - P.119-125.
6. Ismailov M.M., Khujamkulov R.B. Payment and stimulation of labour at industrial enterprises of Tajikistan under conditions of market management. – Khujand: Dabir, 2018. - P.5.
7. Economical history. The history of economic thought. / R.M. Huseynov, V.A. Semenikhina - M: - L, 2006. - P. 268.
8. Yapparov, D.A. Management with employment of population at the regional level: candidate dissertation in economy: 08.00.05: defended 09.10.2007 / D.A. Yapparov, 2007. - 169 p.